**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 23.05.2024, №73

Барои сазовор донистани Давлатов Абдулмаҷид Нурович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович дар мавзуи «Вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми майи соли 2023, таҳти №122/шд) 07-уми марти соли 2024, суратҷаласаи №64 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Давлатов Абдулмаҷид Нурович 15-уми июни соли 1977 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2009 факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Аз соли 2016 то ин замон ба ҳайси саромӯзгори кафедраи забони тоҷикии ДСРТ  фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Хоҷаев Давлатбек** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ**: **Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотӣ «МИСиС» дар шаҳри Душанбе; **Юсупов Абдулло Исмоилович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино».

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Шерализода Адолат Шералӣ, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ Гулзода Наврӯз, котиби илмии ҷаласа –

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич имзо гардида, бо имзоюю муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И тасдиқ шудааст, қайд менамоям, ки диссертатсияи номзадии Давлатов Абдулмаҷид Нурович дар мавзуи мавзуи «Вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 1 монография ва 15 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М] Давлатов, А.Н. Ҷумлаҳои содаи яктаркибаи умумишахс дар Қобуснома» /А.Н. Давлатов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/3. – С.36-39.

[2-М] Давлатов, А.Н. Ибораҳои исмии изофӣ дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус /А.Н. Давлатов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/5. – С.107-112.

[3-М] Давлатов, А.Н. Истифодаи воситаҳои алоқа дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус /А.Н. Давлатов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №6. – С.147-151.

[4-М] Давлатов, А.Н. Ҷумлаҳои содаи чидааъзо дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус /А.Н. Давлатов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №1. – С.60-65.

[5-М] Давлатов, А.Н. Алоқаи мувофиқат ва истифодаи он дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус /А.Н. Давлатов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №2. – С.121-124.

[6-М] Давлатов, А.Н. Сохти ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус /А.Н. Давлатов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №8. – С.77–80.
[7-М] Давлатов, А.Н. Мавқеи ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус /А.Н. Давлатов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №6. – С.81–87.

## II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[8-М] Давлатов, А.Н. Робитаҳои адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ва Узбекистон. Робитаҳои адабӣ ва муколамаи фарҳангҳо /А.Н. Давлатов //Донишгоҳи давлатии Термиз. – Узбекстон, 2019. – С. 241-243.
[9-М] Давлатов, А.Н. Вижагиҳои наҳвӣ дар ҷумлаҳои содаи «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус. /А.Н. Давлатов //Маводи конфронси «Актуальные проблемы филологии и лингводидактики», Международная научно – практическая конференция (18-19 октябри соли 2019 г). – Душанбе,РТСУ, 2019. – С.471-478.
[10-М] Давлатов, А.Н. Ибораҳои изофӣ дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус /А.Н. Давлатов //Забон – рукни тоат. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) №9. – Душанбе, 2017. – С. 250-255.
[11-М] Давлатов, А.Н. Истифодаи воситаҳои алоқа дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус /А.Н. Давлатов //XX11 Славянские чтения. Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – С. 58-64.
[12-М] Давлатов, А.Н. Вижагиҳои наҳвии ҷумлаҳои сода аз ҷиҳати маъно ва оҳанг / А.Н. Давлатов // Ганҷинаи бузурги андеша. Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – С. 60-67.
[13-М] Давлатов, А.Н. Ҷумлаҳои сода аз ҷиҳати маъно ва оҳанг дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус / А.Н. Давлатов // В сб: Материалы Международной научно-практической конференции «Актуальные проблемы филологии и лингводидактики» – Душанбе: РТСУ, 2018. – С. 347-350 .
[14-М] Давлатов, А.Н. Ибораҳои исмии изофӣ дар «Қобуснома» -и Унсурулмаолии Кайковус / А.Н. Давлатов // XXIII Славянские чтения. Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – С. 237-240 .
[15-М] Давлатов, А.Н. Вижагиҳои наҳвии ҷумлаҳои содаи яктаркибаи феълӣ дар «Қобуснома»- и Унсурулмаолии Кайковус / А.Н. Давлатов // Материалы Сборник статей научно-практической конференции профессорско-преподавательского состава и магистрантов факультета русской филологии, журналистики и медиатехнологий РТСУ» – Душанбе: РТСУ, 2021. – С. 280 – 285.

## III. Монография:

[16-М]. **Давлатов А.Н.** Вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус. Монография [Матн] / А.Н. Давлатов. – Душанбе, 2023. – 132 с.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии МДТ-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Курғонов Зоҳид Деҳқонович мусбат буда, ҳамзамон, дар тақриз чунин эродҳо манзур шудаанд:

- дар автореферати диссертатсия муҳаққиқ корҳои илмии забоншиносонро роҷеъ ба мавзуи кор номбар намудааст, аммо, агар унвонҷӯй мазмуну муҳтавои онҳоро каме ҳам бошад, таҳлил ва натиҷагирӣ менамуд, рисола боз ҳам мукаммалтар мегардид.

- дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ дида шуданд (с. 3, 4, 6, 7...), ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара Қодиров Дилшод Сайдаллоевич низ мусбат буда, чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

- муаллифи рисола дар мавридҳои муайян ибрози ақида намуда, андешаҳои худро бо далелу мисолҳои ҷолиб аз асари мавриди таҳқиқ меоварад, вале дар ҳолатҳои ҷудогона мисолҳо оварда нашудаанд ва гоҳо мисолҳои овардашуда нокифоя ба назар мерасанд.

- дар саҳифаҳои ҷудогонаи автореферати диссертатсия ғалатҳои китобатӣ (саҳ. 4, 8, 11, 15, 27) ва имлоӣ (4, 7, 10, 15, 17) ба назар мерасанд.

**3. Дар тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва журналистикаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Насруллоев М. қайд шудааст, ки дар автореферати диссертатсия дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд:

- аз ҷумла, дар фишурда барои таҳлилҳо доираи на он қадар васеи дастурҳои таълимӣ истифода гардидааст.

- дар баъзе ҷойҳои кор хатоҳои техникӣ низ дида мешаванд (с. 9, 11, 19).

- рақамгузории фишурда бо забони тоҷикӣ, ки тамом шуд, автореферати русӣ бояд бо рақами 1 сар шавад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои содаи «Қобуснома» **таҳқиқ шудаанд;**

– истифодаи воситаҳои ифодаи алоқаи наҳвии ҷумлаи сода дар «Қобуснома» **муайян ва муқаррар гардидааст**;

– корбурди сараъзо ва аъзои пайрав дар асар **муайян карда шудааст;**

– ҷумлаҳои содаи «Қобуснома» аз рӯйи маъно, оҳанг ва сохт **таҳқиқ шудааст**;

– вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаби пайвасти «Қобуснома» **муайян карда шудаанд;**

– вижагиҳо дар корбурди банди наҳвӣ **муайян карда шудаанд;**
– хусусиятҳои наҳвии «Қобуснома»-и Кайковус аз забони муосир **муқоиса карда шудаанд.**

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** таҳқиқи мазкур сохтори наҳвии забони адабии классикии тоҷикиро дар як давраи муайяни таърихӣ, дар асоси маводи таҳлилшуда нишон медиҳад.

Дастовардҳои илмии таҳқиқ дар ҳалли як қатор масоили назариявии наҳви забони адабии муосири тоҷикӣ мусоидат мекунад. Ҳамчунин муқоисаи маводи таҳлилгардида барои муайян кардани раванди инкишофи воҳидҳои наҳв, ба мисли ибора, ҷумла ва банди наҳвӣ дар давраҳои гуногун аҳаммияти илмию амалӣ дорад. Низоми муайянгардидаи таҳлили наҳвии забони «Қобуснома» барои таҳқиқи минбаъдаи илмию назариявӣ дар ин самт метавонад ҳамчун асос ва замина хизмат намояд.

Ҳангоми таълифи диссертатсия ба сифати асосҳои муҳимми назарӣ таҳқиқи илмӣ ва таълифоти донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили Б. Ниёзмуҳаммадов, Л. Бузургзода, Д. Тоҷиев, М.Н. Қосимова, Н.С. Поспелов, В.В. Белошапкова, А. Шафоӣ, Ю.А. Рубинчик, Ш. Рустамов, С. Атобуллоев, Б. Камолиддинов, М.Ҷ. Мирзоева, Ф. Зикриёев, Д. Хоҷаев, Қ. Қаландаров, Ф. Шарипова, В. Абдулазизов ва дигарон истифода шудаанд.

Дар диссертатсия аз методҳои забоншиносии таърихӣ (диахронӣ), таҳлили луғавӣ-маъноӣ (лексикӣ-семантикӣ), таҳлили сохториву грамматикӣ, қиёсӣ, оморӣ ва тавсифӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаҳои таҳқиқ амалан барои фанҳои тахассусӣ дар ихтисосҳои забоншиносӣ, тарҷумаи бадеӣ, матншиносӣ, таҳлили матни бадеӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, дастури таълимӣ, инчунин, дар омӯзишу таҳқиқи забони осори адибон низ ташкил медиҳад. Ҳамчунин бахшҳои алоҳидаи ин кор дар ихтисосҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди таълиму тадрис қарор бигирад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ манзур гардида, натиҷаҳои фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** аз он иборат аст, ки омӯзишу таҳлили таҳқиқоти илмии олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, асосу заминаҳои амалию назариявии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, усулҳои муосири таҳқиқи наҳвии ҷумлаҳои сода ва мураккабро

истифода карда, вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-ро аз мавқеи диди наҳвӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст.

Дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23-юми майи соли 2024 дар бораи сазовор донистани Давлатов Абдулмаҷид Нурович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 12 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Аз 12 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мамадназаров А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоева М.М.

23.05.2024.